# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Субҳонзода Салоҳиддин Икром дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа. – шаҳри Душанбе, 2025. - 369 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи пешниҳодшуда ба масъалаи калидии фалсафаи илм — ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар анъанаҳои Юнон, Шарқ ва Ғарб — бахшида шуда, ба ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа мутобиқат менамояд. Муаллиф дар партави талаботи замони муосир (таҳкими ҷаҳонбинии илмӣ, эҳтиёҷи методологии таълими фалсафа) мавзӯъро асоснок карда, зарурати баррасии категорияҳои бунёдӣ (кулл, махсус, муҷаррад) ва робитаи онҳо бо ҷанбаҳои онтологиву гносеологии шинохтро нишон медиҳад.

Матн сатҳи кофии ошноӣ бо манобеи аввалия ва дуюмияро нишон медиҳад: аз мактабҳои милетиву пифагорӣ то схоластика ва классикаи олмонӣ, инчунин равияҳои асри XX (аналитикӣ, феноменологӣ, экзистенсиалӣ, постмодернистӣ). Лавҳаҳои адабиётшиносӣ бо корҳои муҳаққиқони русзабон ва тоҷик (Баҳоваддинов, Диноршоев, Олимов, Ғаффорова ва ғ.) мутавозинанд. Интихоби манбаъҳо ҳадафманд ва ба мавзӯъ мутаносиб аст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Инсоният дар тӯли таърих аз марҳилаҳои гуногуни рушди тамаддун ва фарҳанг гузаштааст. Таҷрибаи таърихии башар собит месозад, ки ҳар як фарҳанг барои такомули дониш ва ташаккули низоми илмии худ ба механизмҳои хос ниёз дорад. Илм, ҳамчун шакли олии шуури маърифатӣ, бояд бо истифода аз усулҳои мантиқӣ вазифаҳои муҳими замонро иҷро кунад. Дар ҳар давру аср инсон талош кардааст, то тасвири ҷаҳонро биомӯзад ва онро дарк намояд. Ин раванд ҳамеша дар асоси сохтори муайян ва бо риояи қоидаҳои дохилии тафаккур сурат гирифта, дар забони имрӯза ба як «матриса»-и таҳлил монанд аст. Таҳқиқи тасвири олам дар фалсафаи муосир нишон медиҳад, ки мантиқи баррасии ин масъала дар тӯли таърихи фалсафа тағйироти решавӣ надидааст. Бо вуҷуди пешрафти илму техника, ҳалли масъалаи истифодаи дониш ба нафъи инсоният то ҳол яке аз мушкилоти асосии даврони мост.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарурати рушду густариши донишҳои илмиро пайваста таъкид менамоянд, ки ин раванд ба таҳкими ҷаҳонбинии илмӣ дар ҷомеа мусоидат мекунад.

Баррасии тасвири илмии олам дар фалсафа нишон медиҳад, ки масъалаи дарки сохтор ва моҳияти ҳастӣ аз давраи Юнони Қадим то фалсафаи муосир яке аз мавзӯъҳои асосии андешаи фалсафӣ боқӣ мондааст. Омӯзиши ин масъала аз дидгоҳи шаклҳои ҳастӣ ва мақулаҳои фалсафӣ барои дарки мантиқии низоми маърифат ва ҷаҳонбинии инсон аҳамияти хос дорад.

Имрӯз, таҳкими ҷаҳонбинии илмӣ, хусусан дар байни ҷавонон, яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад, зеро танҳо тафаккури илмӣ метавонад аз хурофот, таассуб ва ҷаҳолат ҷилавгирӣ кунад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи

мақулаҳои фалсафӣ ҳамчун воситаи асосии ташаккули тасвири илмии олам аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии асосии таҳқиқот дар он аст, ки муаллиф нахустин бор дар илми ватанӣ тасвири оламро дар асоси робитаи байни шаклҳои ҳастӣ ва мақулаҳо аз диди анъанаҳои фалсафии гузашта баррасӣ кардааст. Дар рисола шаклҳои ҳастӣ ҳамчун зерсохтори моҳиятии тасвири илмии ҷаҳон муайян мегарданд; манбаъ ва таҳаввули мафҳумҳои фалсафӣ дар доираи муқоисаи фалсафаи Юнони Қадим ва Шарқ таҳлил шудааст; хусусиятҳои тасвири олам дар фалсафаи асримиёнагӣ, Замони нав, схоластика ва фалсафаи классикии немис баррасӣ мегарданд. Таҳқиқот равшан месозад, ки дидгоҳҳои Шарқ ва Ғарб нисбат ба шаклҳои ҳастӣ ва усулҳои маърифат заминаи ташаккули навовариҳои мафҳумиро ба вуҷуд овардаанд. Мафҳуми «муҷаррад» дар муқоиса бо «кулл» бо шарҳи нав пешниҳод шудааст. Ҳамзамон, нақши шаклҳои ҳастӣ ҳамчун пояи онтологии тасвири илмии олам ва мавқеи ягонагии мақулаҳо дар фалсафаи муосир, аз ҷумла постмодерн, нишон дода шудааст. Таҳқиқот исбот мекунад, ки сохтори тасвири илмии ҷаҳон, сарфи назар аз равияҳои ғайриклассикӣ, ба асосҳои онтологии фалсафаи классикӣ такя мекунад. Навгониҳои зерин дар асоси навгониҳо пешниҳод шудаанд:

- Тасвири илмии олам аз се сатҳ иборат аст: моддӣ, ҳаётӣ ва маънавию иҷтимоӣ, ки ҳамчун маротиби мураккаби ҳастӣ фаҳмида мешаванд.
- Ягонагии олам тавассути ҳамбастагии унсурҳо ва равандҳо ифода мегардад ва дар фалсафа бо мақулаҳои кулл ва муҷаррад баён мешавад.
- Тасвири олам дорои се паҳлӯи асосист: онтологӣ, гносеологӣ ва ҷаҳонбинӣ.
- Мақулаи «кулл» гуногунии воқеиятро муттаҳид месозад; «махсус» ҳамчун пайванд миёни кулл ва муҷаррад амал мекунад; «муҷаррад» умумиятро дар шакли инфиродӣ таҷассум менамояд.
- Байни ин мақулаҳо робитаи мантиқии устувор ҳаст: кулл тавассути махсус ва муҷаррад дар тафаккур ва таҷриба амалӣ мешавад.
- Дар фалсафаи классикии Ғарб, феноменология, экзистенсиализм ва структурализм ин мақулаҳо барои фаҳмиши воқеият ва тафаккур истифода шудаанд.
- Постмодернизм шаклҳои гуногуни тасвири оламро пешниҳод мекунад, аммо пояи категориявии тасвир нигоҳ дошта мешавад.
- Мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад воситаҳои асосии ҷаҳонбинӣ ва шинохти инсон мебошанд.
- Дарки тасвири олам тавассути таҳлили категорияҳо имкон медиҳад, ки ҷаҳон ҳамчун низоми ҳамбастаи маърифатӣ ва онтологӣ дарк гардад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодгардида дар диссертатсия бо далелҳои илмӣ асоснок шудаанд. Онҳо бар пояи таҳлили амиқи манбаъҳои фалсафӣ, таҷрибаи назариявию амалии соҳа ва муқоисаи афкору мактабҳои гуногуни фалсафӣ пешниҳод шудаанд. Натиҷаҳо дорои эътимоднокии илмӣ буда, тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар таҳқиқоти минбаъда ва раванди таълимии фанҳои фалсафӣ истифода шаванд.

Рисола аз нигоҳи мазмун, мантиқ ва сабки баён ба меъёрҳои таҳқиқоти докторӣ мутобиқат дорад. Ҳадаф — нишон додани эволютсияи тасвири илмии олам дар меҳвари категорияҳо ва мактабҳо — дар маҷмуъ ҳосил шудааст. Бо дарназардошти мубрамият, навгонӣ ва асоснокии назариявӣ, зербобҳо ҳамчун бахши мустаҳками диссертатсия арзёбӣ мегардад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат доранд. Дар **муқаддима** аҳамияти мавзӯъ асоснок гардида, ҳадафу вазифаҳо, объекти таҳқиқ, предмет, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалӣ муайян шудаанд. **Қисмати асосӣ** аз чаҳор боб иборат буда, масъалаҳои назариявию методологӣ ва ҷанбаҳои онтологию гносеологии мавзӯъро фаро мегирад. **Хулоса ва тавсияҳо** натиҷаҳои умумии таҳқиқро дар бар мегиранд ва ба масъалаи асосии диссертатсия мутобиқанд.

Дар **боби аввал**, ки унвони он «Асосҳои назариявӣ ва методологии баррасии тасвири илмии олам» мебошад, масъалаҳои муҳими фалсафӣ ва методологии ташаккули тасвири илмии ҷаҳон, инчунин нақши шаклҳои ҳастӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд.

Дар **зербоби аввал**, мафҳуми «тасвири илмии олам» ҳамчун шакли ифодаи донишҳои илмӣ аз дидгоҳи назариявию методологӣ баррасӣ мегардад. Ин мафҳум бар асоси ҳамгироии донишҳои назариявӣ ва далелҳои таҷрибавӣ ташаккул ёфта, вобаста ба тағйироти таърихии дониш ҳамеша дар ҳолати рушду тағйир қарор дорад. Тасвири илмии олам ҳамчун падидаи фарҳангӣ ва низомбахши ҷаҳонбинии илмӣ, бо муҳити маърифатӣ пайванд дошта, дар шакли моделҳои назариявӣ зуҳур мекунад.

Ин мафҳум дар сохтори илму фарҳанг ҷойгоҳи калидӣ дошта, воситаи муҳими ташкили донишҳои соҳавӣ ва таҳкими робитаҳои байнисоҳавӣ ба шумор меравад. Он ҳамчун низоми муназзами дониш дар бораи воқеият ва мавқеи инсон дар он, сохтори тағйирёбандаи диалектикӣ дорад.

Ин категорияҳо дар илмҳои табиатшиносӣ ва иҷтимоӣ воситаи маърифат ва таснифи дониш мебошанд ва дар таҳлили фарҳангӣ ва адабӣ низ нақши муҳим доранд. Аз дидгоҳи диалектикии фалсафӣ, кулл ҳам ҳақиқати объективии ҳастӣ ва ҳам воситаи фикр барои дарки он аст; махсус шакли зуҳури кулл, ва муҷаррад — ифодаи абстрактии қонунҳои умумӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, кулл, махсус ва муҷаррад на танҳо дар таҳлили онтологӣ, балки дар раванди маърифати инсонӣ ва шуури фалсафӣ низ нақши муҳимеро иҷро мекунанд.

**Зербоби дуюм** ба таҳлили шаклҳои ҳастӣ тавассути категорияҳои фалсафӣ дар таълимоти мутафаккирони Юнони Қадим ва пайравони шарқии онҳо бахшида шудааст, ки ин раванд заминаи назариявии ташаккули тасвири илмии ҷаҳонро фароҳам меорад. Аз давраҳои қадим масъалаи сохтор ва унсурҳои ҳастӣ таваҷҷуҳи файласуфонро ба худ ҷалб кардааст. Савол дар бораи чӣ гунагии тасвири ҷаҳон ва унсурҳои асосии он яке аз меҳварҳои фалсафаи бостон ва гносеология ба шумор меравад.

Таҳлили масъалаҳои онтологӣ ва гносеологии тасвири олам танҳо ба дониши фалсафӣ маҳдуд набуда, балки ҳамчун усули умумии маърифат дар фарҳанги муосир аҳамияти ҷиддӣ пайдо кардааст. Омӯзиши категорияҳо дар

заминаи таърихию назариявӣ имкон медиҳад, ки андешаҳои анъанавӣ аз нав арзёбӣ шуда, роҳҳои амиқи дарки воқеият муайян гарданд.

Дар ин замина, баррасии категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррад аҳамияти хос дорад. Онҳо ҳамчун шаклҳои мантиқии тафаккур ва заминаҳои ҳастишиносӣ ҳам дар фалсафаи Юнони Қадим ва ҳам дар мактаби исломӣ ташаккул ёфтаанд. Ин мафҳумҳо натиҷаи таҷрибаи дарозмуддати маърифатии инсон буда, реша дар муҳити маънавию фарҳангии ҷомеа доранд.

Тавассути ин раванд, категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррад ба унсурҳои асосии таҳлили воқеият табдил ёфтаанд. Омӯзиши онҳо имкон медиҳад, ки нақши ин мафҳумҳо дар ташаккули тасвири илмии ҷаҳон ва робитаи байни онтология ва гносеология равшан гардад.

Дар таълимоти файласуфони милетӣ — Фалес, Анаксимандр ва Анаксимен — категорияи кулл ҳамчун моддаи ибтидоии ҷаҳонӣ шинохта мешуд. Афлотун куллро ҳамчун идеяи ибтидоӣ, махсусро ҳамчун зуҳури мушаххаси идея ва муҷаррадро ҳамчун ифодаи ҳиссии он шарҳ медиҳад.

Ибни Сино, пайрави Арасту, категорияҳоро воситаи тасниф ва шинохти воқеият медонад. Ӯ системаи даҳгонаи категорияҳоро истифода бурда, ҳаракатро дар доираи каммият, кайфият, макон ва ҳолат меомӯзад. Ба андешаи Ибни Сино, ҷавҳар шакли асосии ҳастӣ буда, аз панҷ унсур — модда, сурат, ҷисм, нафс ва ақл — иборат аст. Ӯ универсалияҳоро ҳам дар зеҳн ва ҳам дар воқеият мавҷуд медонад.

Дар натиҷа, дар таълимоти Арасту ва Ибни Сино се сатҳи онтологии тасвири олам ташаккул ёфтааст: сатҳи умумӣ — категорияи ҳастӣ, сатҳи махсус — ҷавҳар, ва сатҳи муҷаррад — маҷмӯи мафҳумҳое, ки гуногунрангии воқеиятро ифода мекунанд. Ин робитаи мантиқӣ асоси ташаккули шинохти устувори илмӣ ва таҳкими тасвири ҷаҳонро фароҳам меорад.

**Дар боби дуюм** «Таҳаввул ва рушди андешаҳо оид ба тасвири илмии олам тавассути шаклҳои ҳастӣ дар фалсафаи Шарқ ва Ғарб» равандҳои ташаккул ва тағйири афкор дар бораи тасвири илмии олам бар асоси таҳлили шаклҳои ҳастӣ ва истифодаи категорияҳои фалсафии кулл, махсус ва муҷаррад ҳамчун василаҳои маърифатӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Мувофиқи назари реалистҳо (Ҷон Скот Эриуген, Анселм Кентерберӣ, Алберт Бузург, Фома Аквинский), умумият воқеияти мустақил дошта, ҳамчун асоси илоҳии ҳастӣ фаҳмида мешавад.

Баръакс, номиналистҳо (Росселин, Уилям Оккам) умумиро танҳо ном ё сохтаи зеҳнӣ мешумориданд. Консептуалистҳо (Вилям Шампо, Абеляр) мавқеи миёнаро интихоб намуда, умумиро ҳамчун мафҳуме донистанд, ки аз воқеият ҷудо нест, балки онро дар шакли зеҳнӣ инъикос мекунад.

Дар давраи Эҳё, файласуф Николай Кузанский баҳси умумӣ ва муҷаррадро ба сатҳи нав бардошта, онҳоро ҳамчун ду ҷанбаи ягонаи ҳастӣ тафсир намуд. Ба ақидаи ӯ, тамоми мавҷудот инъикоси зоти муҷарради илоҳист, ки дар шаклҳои гуногуни олам таҷассум меёбад. Ин андеша дар осори Ҷордано Бруно ва дигар намояндагони натурфалсафаи Эҳё идома ёфт.

Дар асри Нав, масъалаи умумӣ ва муҷаррад шакли баҳси нав гирифт ва ба муқобилияти эмпиризм ва ратсионализм табдил ёфт.

Ф. Бэкон ва Т. Ҳоббс мавҷудияти воқеии умумиятро рад карда, онро танҳо натиҷаи амалкарди зеҳн медонистанд. Ҷ. Локк ва Ҷ. Беркли низ бар он

буданд, ки умумӣ танҳо дар заминаи таҷрибаи ҳиссӣ ташаккул меёбад. Дар ҳамин ҳол, Б. Спиноза куллро ҷавҳари ягона донистааст, ки тамоми ашё ҳамчун модусҳои он зуҳур мекунанд. Г. Лейбниц бошад, ба ҷои ҷавҳар назарияи монадаҳо-ро пешниҳод кард, ки онҳоро воҳидҳои шуурнок ва мустақил мешумурд. Иммануил Кант мафҳуми муҷаррадро бо эҳсос ва куллро бо ақл пайваст намуда, махсусро шакли синтези байни онҳо донист. Георг Гегел бошад, махсусро ҳамчун марҳилаи калидии инкишофи диалектикӣ тавсиф намуда, онро шакли гузариш аз кулл ба муҷаррад донист. Ба андешаи ӯ, кулл танҳо тавассути махсус ва муҷаррад ба худшиносӣ мерасад. Людвиг Фейербах идеализми Гегелро танқид намуда, умумиро дар заминаи воқеияти моддӣ ва ҳиссӣ шарҳ дод. Карл Маркс ин равишро ба таҳлили сохтори иҷтимоиву иқтисодӣ татбиқ намуда, арзишро ҳамчун кулле фаҳмид, ки дар шакли махсуси меҳнат ва муҷаррад — қувваи корӣ таҷассум меёбад.

Ҳамин тавр, дар ҷараёни таърихи фалсафа категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррад аз доираи маърифати абстрактӣ гузашта, ба воситаҳои мантиқӣ, гносеологӣ ва иҷтимоии шинохти воқеият табдил ёфтаанд. Онҳо имрӯз низ ҳамчун абзорҳои марказии таҳлили илмӣ ва ҷаҳоншиносӣ аҳамияти хос доранд.

**Зербоби дуюм** бо пайгирии мантиқӣ ва муҳтавои муназзам равандҳои гузариши таърихиро аз анъанаҳои антиқӣ ба муҳити схоластикӣ ва аз он ба фалсафаи классикии олмонӣ ошкор мекунад. Дар рисола мавқеи марказии тасвири илмии олам тавассути ҳамбастагии онтологӣ–гносеологӣ шарҳ ёфта, ба таҳқиқот қувваи назариявӣ мебахшад.Ҷойгоҳи се категорияи меҳварӣ (кулл–махсус–муҷаррад) ҳамчун «шабакаи категориявӣ» барои сохтордиҳии дониш бо тавзеҳоти возеҳ нишон дода мешавад; нақши «махсус» чун миёнарави диалектикӣ асоснок аст. Пайванди анъанаҳои Шарқ ва Ғарб бо тавозун инъикос ёфта, воридшавии дастовардҳои исломӣ (фарқгузории моҳият–вуҷуд, се мақоми универсалияҳо дар Ибни Сино) ба риштаи умумӣ хидмат мекунад. Тафсири антиномияҳои Кант ва гузариш ба диалектикаи Гегел ба тавзеҳи манбаи «ҳаракат»-и тасвири олам ёрӣ мерасонад.

Мехостам баъзе норасоиҳоро қайд намоям, масалан схоластика. Қисмат ба таври умумӣ ба он ишора мекунад, вале барои пурра шудани тасвири марҳилавӣ тавсия мешавад, ки баҳси универсалияҳо (реализм–номинализм–консептуализм) бо зикри Абеляр, Росцелин, Фома Аквинӣ пурра мешуд, хуб буд. Тавзеҳи сабабият ва аналогияи будан дар Аквинӣ ва муқоисаи он бо Ибни Сино ба назар намерасад. Ё масъалаи Афлотун–Арасту. Барои беҳтар кардани фарқгузорӣ як нуқтаи муқоиса (ғояҳои ҷудо, шакли имманент; мақоми моҳият; ҷойгоҳи материя) илова мегардид, корро боз ҳам беҳтар менамуд.

**Зербоби сеюм “Моҳияти тасвир ва дарки олам ба воситаи мафҳумҳо дар таълимоти файласуфони шарқию ғарбӣ”** яке аз қисматҳои муҳими диссертатсияро ташкил дода, таҳлили амиқи равандҳои маърифат ва фаҳми фалсафии оламро тавассути мафҳумҳо баён мекунад. Муаллиф бо далелҳои мантиқӣ нишон медиҳад, ки шинохти воқеият танҳо тавассути мафҳум ва категорияҳо имконпазир аст, зеро маҳз онҳо шакли олии таҷассуми тафаккури инсонӣ ва пайванди он бо ҳастии объективӣ мебошанд. Дар таҳқиқ ҷанбаҳои асосии фалсафаи Шарқ ва Ғарб — аз Спиноза то Гегел — бо таҳлили муқоисавӣ баррасӣ шудаанд, ки ин равиш ба матн арзиши илмӣ мебахшад.

Дар маҷмӯъ, параграф аз ҷиҳати мазмун, мантиқ ва асоснокии фалсафӣ баландсифат, илман қавӣ ва ба талаботи тадқиқоти докторӣ мувофиқ мебошад. Он ба таври муфассал робитаи мафҳум, воқеият ва маърифатро нишон дода, ба таҳияи назарияи фалсафии тасвири илмии олам саҳми арзанда мегузорад.

**Дар боби сеюм «Ҷанбаҳои онтологию гносеологӣ ва методологию ҷаҳоншинохтии тасвири илмии олам дар таълимоти фалсафӣ»** муаллиф сохтори дохилии тасвири илмии оламро бо ҷудо кардани се сатҳ - онтологӣ, гносеологӣ ва ҷаҳонбинӣ - шарҳ медиҳад. Боби сеюм таҳлили амиқи ҷанбаҳои онтологӣ, гносеологӣ ва методологии тасвири илмии оламро дар бар гирифта, бо таври муназзам ва мантиқӣ робитаи байни шаклҳои ҳастӣ — кулл, махсус ва муҷаррад —-ро ҳамчун пояи методологии шинохти илмӣ шарҳ медиҳад.

**Дар зербоби аввал**, ки ба ҷанбаҳои онтологӣ бахшида шудааст, муаллиф бо услуби фалсафии дақиқ нишон медиҳад, ки тасвири илмии олам на танҳо маҷмӯи донишҳо, балки низоми мукаммали фаҳмиши ҳастӣ аст.

Дар таҳлил мафҳумҳои «ҳастӣ», «ҷавҳар» ва «объект» ҳамчун пояҳои асосии низоми онтологӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф бо асоси методологӣ нишон медиҳад, ки байни ин категорияҳо ҳамбастагии дохилӣ ва итоати мантиқӣ вуҷуд дорад: ҳастӣ ҳамчун кулл — пояи умумӣ ва универсалӣ; ҷавҳар — шакли ифодаи субстансионалӣ ва манбаи фаъол; ва муҷаррад — зуҳури мушаххасу маҳдуди воқеият.

Дар қисмати таҳлили консептуалӣ нишон дода шудааст, ки ин се сатҳ на танҳо дар фалсафаи классикӣ (Арасту, Спиноза, Гегел), балки дар тамоми анъанаҳои фикрии инсонӣ ҷой доранд. Муаллиф бо далелҳои возеҳ шарҳ медиҳад, ки маҳз фаҳмиши дурусти робитаи байни кулл ва ҷузъ имкони дарки ҳақиқии воқеиятро таъмин мекунад.

**Дар зербоби дуюм**, муаллиф ҷанбаҳои гносеологӣ ва методологии тасвири илмии оламро баррасӣ намуда, нишон медиҳад, ки қонунҳои умумии инкишоф, тамоюлҳои дохилии ҳаракат ва низоми робитаҳои сабабӣ асоси маърифат ва низоми шинохти илмиро ташкил медиҳанд. Муаллиф бо истинод ба диалектикаи классикӣ робитаи сатҳҳои умумӣ, махсус ва муҷаррадро дар шакли сохтории донишҳои илмӣ муқаррар мекунад.

**Зербоби сеюм** масъалаи ҷаҳонбиниро ҳамчун ҷузъи таркибии тасвири илмии олам дар сатҳҳои ҷаҳонбинии умумибашарӣ, иҷтимоӣ (хусусӣ) ва инфиродӣ мавриди таҳлил қарор дода, робитаи назария, арзишҳо, меъёрҳои маънавӣ ва фарҳангиро дар шаклгирии тасвири воқеият нишон медиҳад. Муаллиф тавонистааст, ки ҷанбаҳои маънавӣ ва методологии тасвири илмии оламро дар иртиботи зич бо анъанаҳои фалсафии Ғарб ва Шарқ дар асоси тавзеҳоти муқоисавӣ инъикос кунад. Дар маҷмӯъ, боби 3 дорои сатҳи баланди таҳлили назариявӣ буда, моҳияти мушкилоти таҳқиқотӣ бо пайдарҳамӣ, мантиқ ва асоснокии илмӣ тавсиф шудааст. Мавод бо услуби илмӣ, истилоҳоти дуруст ва мантиқияти таҳлили фалсафӣ пешниҳод мегардад. Мундариҷаи боби мазкур ба талаботи таҳқиқоти илмӣ ҷавобгӯ буда, саҳми назаррас дар таҳкими асосҳои назариявӣ ва фаҳмиши сохтори фалсафии тасвири илмии олам дорад.

Аҳамияти илмии боб дар он аст, ки муаллиф тавонистааст сохтори назариявии тасвири оламро ба таври низомӣ ва методологӣ шарҳ диҳад.

Ҷанбаҳои мантиқӣ, онтологӣ ва маърифатӣ ба ҳам пайваста таҳлил шудаанд, ки ба рисола тарзи афкори мустақил ва сатҳи баланди индуктивӣ мебахшад.

Қобили зикр аст, ки тасвири илмии олам - бо таҳлили онтологӣ ва гносеологӣ баррасӣ шудааст, ки ба таҳқиқи таърихӣ-фалсафӣ вазни назариявӣ медиҳад. Дар он ҷойгоҳи се мақулаи меҳварӣ кулл, махсус, муҷаррад - ҳамчун «шабакаи категориявӣ» барои сохтордиҳии дониш бо тавзеҳоти возеҳ ва пайгиронаи мантиқӣ нишон дода мешавад. Муносибати иерархии кулл–махсус–муҷаррад ва нақши «махсус» ҳамчун миёнарави диалектикӣ аз дидгоҳи таърих ва мантиқ қаноатбахш асоснок гаштааст. Боб бо тарҳи возеҳи назариявӣ (аз мифологӣ то илмию фалсафӣ) хати эволютсионии «тасвири олам»-ро пеш меорад ва саҳми анъанаҳои Шарқу Ғарбро бо тавозун инъикос медиҳад.

Муаллиф ду равияи калидиро - динӣ-теологӣ ва натуралистӣ - муқоиса намуда, нишон медиҳад, ки чӣ гуна илму фалсафа тадриҷан аз қолаби схоластикӣ берун омаданд. Таҳлили фалсафаи классикии олмонӣ (Кант, Фихте, Гегел) бо риояи мантиқи дохилии низоми онҳо анҷом дода шудааст. Муаллиф тавонистааст робитаи байни фалсафаи шарқӣ ва ғарбиро дар доираи мафҳумҳои умумӣ ва ҷузъӣ нишон диҳад, ки ин равиши нав аст.

**Дар боби чаҳорум «Мақулаҳои фалсафӣ ҳамчун ҷузъҳои сохтории тасвири илмии олам дар фалсафаи даврони муосири Ғарб»** таҳлили васеи фалсафаи асри XIX–XX ҷамъбаст мешавад. Муаллиф бо таҳлили фалсафаи неокантиён, феноменология ва экзистенсиализм нақши мақулаҳои фалсафиро дар барқарории тасвири илмӣ нишон медиҳад. Таҳлили постмодернизм бо зикри идеяҳои Деррида, Фуко ва Лиотар аз ҷиҳати мантиқ ва иртиботи консептуалӣ бо мавзӯи умумии рисола пурра ва замонавӣ мебошад. Барои пурратар кардани бахши постмодернистӣ ишора ба равияҳои аналитикии дерина (Рассел, Витгенштейн, Карнап) робитаи мустақим бо таҳлили категорияҳои «умумӣ» ва «забоншиносӣ»-и фалсафаро кушиши нишон додан намудааст.

**Зербоби аввали боби чоруми** диссертатсия ба таҳлили нақши мақулаҳои фалсафӣ дар тасвири илмии олам дар фалсафаи Ғарби асрҳои XIX–XX бахшида шудааст. Дар он нишон дода мешавад, ки масъалаи ҳастӣ ва ҷойгоҳи он дар шинохти инсонӣ маркази таҳқиқоти файласуфоне чун Н. Ҳартман, Э. Гуссерл ва М. Ҳайдеггер мебошад. Дар ҷараёни ташаккули феноменология ва экзистенсиализм, ҳастӣ ҳамчун падидаи мураккаб ва зич вобаста ба таҷрибаи инсонӣ фаҳмида шудааст. Намояндагони экзистенсиализм ҳастиро ба маргпазирӣ ва маҳдудияти вуҷуд нисбат медиҳанд, дар ҳоле ки дар фалсафаи динӣ он ба Худо марбут დониста мешавад.

Ҳамзамон, равияҳои позитивизм, неопозитивизм ва эмпириокрититсизм мафҳумҳои ҳастӣ ва умумиро ба доираи донишҳои мушоҳидашаванда ва сохтори таҷриба маҳдуд месозанд. Структурализм бошад, ба нақши структура ҳамчун унсури ташкилдиҳандаи маърифат ва низоми маънӣ ишора карда, мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррадро ҷузъҳои ҳатмии ташаккули тасвири ҷаҳон мешуморад.

**Дар зербоби дуюми боби чорум** омӯзиши нақши мақулаҳо дар фалсафаи постмодернистӣ баррасӣ мегардад. Таъкид мешавад, ки дар осори М. Фуко мафҳуми эпистема ҳамчун заминаи ташаккули маъно ва арзиши падидаҳои

фарҳангӣ муҳим буда, дискурс сатҳи умумии ташаккули тасвири ҷаҳонро ифода мекунад. Ж. Деррида тавассути усули деконструксия нишон медиҳад, ки маънои матнҳо ҳамеша тағйирёбанда аст ва маҳз дар ҷараёни тафсир ва бозофаринии маъно «муҷаррад» шакл мегирад. Ж. Делёз бошад, ҳастиро ҳамчун падидаи беназир ва такрорнашаванда шарҳ медиҳад. П. Рикёр робитаи маънои ҳастӣ ва таҷрибаи мавҷудияти инсонро тавассути ченаки замон асоснок менамояд.

Муаллиф маҷмӯи усулҳои диалектикӣ, сохторӣ-функсионалӣ, системавӣ, таҳлилу синтез ва муқоисаро дар қолаби ягона корбаст кардааст.Манбаъҳо (нахустсарчашмаҳо, адабиёти классикӣ ва муосир, корҳои шӯравию русӣ ва тоҷикӣ) ҳадафманд интихоб шуда, ба таҳқиқ хидмати воқеӣ мекунанд. Натиҷаҳои пешниҳодшуда барои курсҳои «Таърихи фалсафа», «Онтология ва назарияи маърифат» ва семинарҳои истилоҳшиносии фалсафӣ муфиданд. Аз дидгоҳи назариявӣ, диссертатсия сохтори тасвири илмии олам мусоидат мекунад; аз дидгоҳи амалӣ, барои таҳкими ҷаҳонбинии илмӣ (хоса дар муҳити таълим) заминаи устувор фароҳам меорад.

Албатта баъзе қисматҳои забонӣ хеле пурмазмун ва мураккаб навишта шудаанд; тавсия мешавад барои равшантар фаҳмондани идеяҳои калидӣ ҷумлаҳои фалсафӣ то андозае содатар гардонда шаванд.

**Хулоса аз 17 банд иборат буда**, дар он натиҷаи таҳқиқи масъалаи тасвири ҷаҳон тавассути шаклҳои ҳастӣ ва мақулаҳои фалсафӣ — кулл, махсус ва муҷаррад — муайян гардид, ки фаҳмиши дурусти ин категорияҳо заминаи методологии асосии таҳлили фалсафӣ ва ҷаҳонбинӣ нишон дода шудааст. Таҳлили таърихӣ ва мантиқии мақулаҳои «умумӣ», «махсус» ва «муҷаррад» нишон медиҳад, ки онҳо ҳамчун шаклҳои универсалии инъикоси воқеият амал карда, низоми маърифати инсонро муайян месозанд. Кулл шакли умумӣ ва ҳамбастаи тасвири воқеият, махсус пайванди он бо зуҳуроти мушаххас, ва муҷаррад шакли абстраксияи назариявӣ ва илмии он мебошад. Тасвири ҷаҳон ҳамчун шакли махсуси фаҳмиши ҳастӣ дар ҳамбастагии се сатҳ — онтологӣ, гносеологӣ ва ҷаҳонбинӣ — зуҳур мекунад. Дар ин раванд, мафҳум нақши асосии методологӣ дошта, имконият медиҳад, ки воқеият дар шакли мантиқӣ ва низомманд дарк гардад. Ҷаҳонбинӣ дар сохтори тасвири ҷаҳон се зина дорад: умумбашарӣ, таърихию фарҳангӣ ва инфиродӣ. Ин сатҳҳо бо ҳам пайвасти дохилӣ дошта, низоми ягонаи маърифат, арзиш ва таҷрибаи иҷтимоиро ташкил медиҳанд. Мақулаҳои фалсафӣ ҳамчун зербунёди назариявии тамоми равияҳои фалсафа амал карда, робитаи мантиқӣ байни ҳастӣ, маърифат ва ҷаҳонбиниро таъмин менамоянд. Онҳо ба фаҳмиши методологии тасвири олам, инкишофи илм ва ташаккули ҷаҳонбинии инсон хидмат мекунанд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки тасвири ҷаҳон на танҳо инъикоси назариявии воқеият, балки низоми мураккаби методологӣ ва маърифатию арзишӣ мебошад, ки дар асоси категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррад ташаккул меёбад ва барои таҳкими ҷаҳонбинии илмӣ ва рушди фалсафаи муосир аҳамияти муҳим дорад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аҳамияти амалӣ дар он аст, ки татбиқи категорияҳо дар тарҳи таълим ва ташаккули ҷаҳонбинӣ (дар муассисаҳои миёнаву олӣ) истифода карда шаванд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дар он аст, ки кор ба дақиқсозии луғавию-категориявӣ ва консептуалии фалсафаи илм ёрӣ мерасонад; аз лиҳози амалӣ, хулосаҳо барои курсҳои «Таърихи фалсафа», «Онтология ва назарияи маърифат», «Методологияи таҳқиқоти илмӣ» ва семинарҳои истилоҳшиносии фалсафӣ муфиданд.

Мавзӯъ, мақсад, вазифаҳо, методология, навгонӣ ва натиҷаҳо ба ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа комилан мувофиқанд. Мундариҷа ба меъёрҳои диссертатсияи докторӣ (асоснокии назариявӣ, навгонӣ, аҳамияти амалӣ, манбаъшиносӣ) ҷавобгӯ мебошад.

**Нашри натиҷаҳои асосии таҳқиқ** дар як қатор мақолаҳо ва гузоришҳои илмӣ инъикос ёфтаанд, аз ҷумла дар 19 мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишоршуда, инчунин 3 баромадҳо дар конференсияҳо.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия** ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуктаи назари сохт ва таркиби корҳои илмӣ таъмин гардидааст. Матн дорои муқаддима, асоснокунии мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объекти тадқиқот, пешниҳодҳои илмӣ, қисми хулосавӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда мебошад. Иқтибосҳо ва истинодҳо мувофиқи меъёрҳои қабулшуда оварда шудаанд. Забони таҳқиқоти илмӣ равшан, услуби баён пайваста ва риояи фарҳанги истилоҳот таъмин шудааст. Дастовардҳои илмии диссертант дорои дараҷаи кофии навоварию саҳми илмию амалии худ мебошанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:**

1. Новобобаста аз он ки матни рисола пурмуҳтаво ва дорои сохтори мантиқист, вале фосилаи байни таҳлили назариявӣ ва таърихӣ равшантар нишон дода нашудааст яъне, ҷудо кардани шарҳи умумии методологияи тасвири олам аз мисолҳои таърихии мактабҳои фалсафӣ (Арасту, Афлотун, Ибни Сино ва дигарон). Ин ҷудосозӣ ба хонанда имкон медиҳад, ки робитаи байни қисмҳои назариявӣ ва таърихиро беҳтар дарк намояд.

2. Дар қисматҳои марбут ба файласуфони Эҳё ва Замони Нав истинодҳо ба манбаъҳои аслӣ ё таълимоти калидии онҳо (масалан, “De Docta Ignorantia” Николай Кузанский ё “Ethica” Спиноза) истинод хеле кам мебошад. Ин амал на танҳо сатҳи академии матнро меафзояд, балки дараҷаи эътимоднокии таҳқиқро тақвият мебахшид.

3. Дар қисмати муқоисавӣ (таълимоти Шарқ ва Ғарб) беҳтар мебуд нақши мутафаккирони тоҷик (мисли Ибни Сино, Форобӣ ва Бедил) низ дақиқтар нишон дода шавад, то робитаи пайдарпайи мактабҳои фалсафӣ равшантар гардад.

4. Дар баъзе мавридҳо, забони фалсафӣ хеле зич ва мураккаб истифода шудааст; тавсия мешавад барои фаҳмо гардидани идеяҳои калидӣ аз услуби нисбатан возеҳу пайдарпай истифода бурда шавад.

5. Муфассал кардани фарқ байни «муҷарраду мантиқӣ» (абстраксия дар зеҳн) ва «муҷарраду воқеиятшинос» (унсури ҷудошуда дар таҷриба) бо ишораҳои намунавӣ аз Кант/Гегел ва мисолҳои муосир (моделсозӣ дар илмҳои дақиқ) ба назар намерасад, ки ба фоидаи возеҳияти истилоҳӣ хоҳад буд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунад ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонад.

Новобаста аз камбудиҳое, ки дар кор ба назар мерасанд диссертатсия бо таҳлили амиқи категорияҳои ҳастӣ, ҷавҳар ва муҷаррад, ба фаҳми системавии тасвири илмии олам мусоидат намуда, бо назари васеи онтологӣ ва методологии худ ба талаботи тадқиқоти докторӣ пурра ҷавобгӯ мебошад. Он пояи назариявии мустаҳками рисоларо ташкил медиҳад ва барои рушди фалсафаи муосири тоҷикӣ арзиши илмии муҳим дорад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Субҳонзода Салоҳиддин Икром дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта» аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқаррризи расмӣ:**
доктори илмҳои фалсафа,
профессор Зоҳидов О.Ҳ

__23_ноябри соли 2025_/
Суроға: индекс, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри_Хуҷанд, кӯчаи Р.Ҳоҷиев, бинои 30 , ҳуҷраи 47_
Тел.: (+992) 92-720-3047__
E-mail: ochilzohidov@gmail.com_

Имзои профессор_Зоҳидов Очил
Ҳоҷибоевичро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус
Н.и.ҳ., дотсент Бобоев А.

**Суроғаи муассиса**:
индекс, ш.Хуҷанд, мкрн.17.,№1.
Тел.: (+992-3422) 2-38-11
E-mail: tsulbp@rambler.ru
_24 ноябри соли 2025.